Тақриз

ба автореферати Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи “Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбияи одоби дар кӯдакони синни томактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар назария ва амалияи таълиму тарбия ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ, аз он ҷумла тарбияи одоби муошират яке аз вазифаҳои муҳими хонавода, муҳити таҳсилоти ва кулли аъзоёни ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Махсусан, давраи томактабӣ, ки пойдевори шахсияти арзишманд гузошта мешавад, тарбияи одоби муошират хеле муҳим буда ин раванд дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ ва қудрату тавоноии ҳар як кӯдак амалӣ гардонда мешавад. Инчунин иҷрои ин вазифа ҳамгироии ду ниҳоди иҷтимоӣ-муассисаи таҳсилотӣ ва хонаводаро талаб менамояд. Аз ин рӯ муҳаққиқ Ҷалолова Г.С. кӯшиш намудааст, тарбияи одоби муоширатро дар зер хати таъмин намудани шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар низоми фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва таъсиррасонии амалии онҳо ба фарҳанги тарбиятии волидони тарбиятгирандагон таҳқиқу баррасӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки муошират яке аз масъалаҳои муҳими илми психология буда муҳаққиқ кӯшиш намудааст тарбия намудани одоби муоширатро дар ҳамбастагӣ ба илми педагогика мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар чунин самт баргузории таҳқиқот гувоҳи он аст, ки масъалаи тарбияи одоби муошират чун падидаи психологӣ-педагогӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Хусусиятҳои шаклгирии он ба синнусолии кӯдакон вобаста буда мақсаду вазифаҳо кори тарбиявӣ дар заминаи таҳлилу баррасии ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ арзёбӣ карда шудааст.

Муҳаққиқ вазъи тарбияи одоби муошират дар кӯдакон таҳлилу баҳодиҳӣ намуда қисми амалӣ-озмоишии кори татқиқотии худро баргузор намудааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки ба қисми амалӣ – озмоишии кори татқиқотӣ волидон ҷалб карда шудаанд, ки иҷрои ин амал имконият медиҳад фарҳанги педагогии волидон баланд

бардошта шавад ва талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар тарбияи фарзанд” амалӣ гарданд. Натиҷаҳо аз кори озмоишӣ – амалӣ дар ҷадвалҳо баррасӣ гардидаанд.

Аз таҳлили маводҳои нашршуда, ки дар автореферат пешниҳод гардидаанд чунин бармеояд, ки Ҷалолова Г.С. дар ҳамаи марҳилаҳои кори татқиқотӣ ба баробари иҷрои кори диссертатсионӣ дар конфронсу дигар чорабиниҳои илмӣ-методӣ ширкат варзида дар пешрафти назария ва амалияи таҳсилоти томактабӣ ҳиссагузорӣ намудааст.

Кори илмӣ-татқиқотии Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи “Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ” кори илмӣ-татқиқотии баанҷомрасида буда он ҷавобгӯй ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи он Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
томактабӣ ва корҳои иҷтимоии
Муассисаи таълимии давлатии
Донишгоҳи давлатии Кулоб
ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ Иззатова Муҳаббат Ибодовна

Имзои дотсент М.И.Иззатоваро
тасдиқ мекунам
Сардори шӯъбаи кадрҳои МТД ДД Кулоб
ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ Амиров Ф.